**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Раҳмонов Маҳмурод Бегмуратович дар мавзуи «Мақоми Ғафур Мулло дар ҳавзаи адабии Хатлон (солҳои 40-90-уми асри XX)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ**

Таҳқику омӯзиши гузаштаи пурифтихори миллати тоҷик ва ёдовар шудан аз рӯзгору осори намояндагони илму адаби он яке аз вазифаҳои муҳимми таърихшиносону адабпажӯҳон ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, даст задани муҳаққиқони ҷавон ба масъалаҳои таҳқиқталаби адабиёти бадеӣ шоистаи таҳсин ва тақдир аст.

Кори таҳқиқотии Раҳмонов Маҳмурод Бегмуратович дар мавзуи «Мақоми Ғафур Мулло дар ҳавзаи адабии Хатлон (солҳои 40-90-уми асри XX)» ба яке аз ҳамин гуна масъалаҳои таҳқиқталаби адабиёти муосири тоҷик бахшида шудааст.

Тибқи автореферати диссертатсия, таҳқиқот дорои муқаддима, се боби иборат аз ҳашт фасл, хулоса ва рӯйхати осори илмиву адабии марбут ба мавзуъ буда, дар муқаддима муҳаққиқ доир ба зарурат ва ҳадафи таҳқиқи мавзуъ ва саҳми шахсии хеш дар таълифи диссертатсия маълумот дода, арзиши назариву амалӣ ва сохтори рисоларо муайян намудааст.

Боби якуми диссертатсия – «**Нақши ҳавзаи адабии Хатлон дар тарбияи суханварон ва ҷойгоҳи шоир Ғафур Мулло дар пешрафти он**», ки аз се фасл иборат аст, ба таҳқиқи ҳавзаи адабии Хатлон дар солҳои 40-90-уми асри XX, рӯзгор ва мероси адабии Ғафур Мулло бахшида шудааст. Муҳаққиқ дар ин бахши кор роҷеъ ба доираҳои адабии Кӯлобу Вахшонзамин ва нақши Ғафур Мулло дар ташаккулу пешрафти он, рӯзгор ва фаъолияти эҷодии шоир муфассал маълумот дода, дар бораи маҷмуаҳои осори адиб, мушаххасоти ҳар давраи эҷодиёт ва анвои ашъори шоир ибрози назар намудааст.

Боби дуюми таҳқиқот бо унвони «**Вижагиҳои мундариҷа ва шакл дар ашъори шоир**» низ аз се фасл фароҳам омадааст. Муҳаққиқ зимни таҳлили ашъори шоир саъй намудааст, ки мавқеи мавзуи Модар – Ватан, дӯстию муттаҳидии миллатҳо, зебоию ободии диёр, илму ҳунаромӯзиро, ки аз мавзуъҳои асосии ашъори шоир ба ҳисоб мераванд, мавриди пажуҳишу пайгирӣ қарор диҳад. Диссертант Раҳмонов Маҳмурод дар ин боби рисола ба таври муътамад нишон дода тавонистааст, ки мавзуъҳои Модар – Ватан, дӯстию бародарӣ, ишқу муҳаббати поки инсонӣ, тавсифи табиати ҳамешабаҳори диёр дар ашъори шоир мазмуну муҳтавои фарогир доранд.

Боби сеюми диссертатсия – **«Хусусиятҳои услубӣ ва бадеии осори Ғафур Мулло»** аз ду фасл таркиб ёфта, ба таҳқиқи вижагиҳои забону тарзи баён ва мавқею корбасти саноеи бадеӣ дар ашъори шоир бахшида шудааст.

Муҳаққиқ зимни таҳлили абёти ҷудогонаи ашъори шоир маҳорати ҳунарӣ ва ибтикороти адабии Ғафур Муллоро бо далелҳои қатъӣ мушаххас месозад, ки аз ҷанбаҳои арзишманди таҳқиқоти диссертант ба ҳисоб меравад.

Интихоби дурусти усулҳои таҳқиқ, амиқандешӣ ва вусъати доираи таҳқиқот ба муҳаққиқ имкон додааст, ки ба натиҷаҳои мушаххаси илмӣ расида тавонад ва маҳорату тозакориҳои адабиву ҳунариро дар ашъори Ғафур Мулло таснифу таҳқиқ ва мушаххас намояд.

Дар баробари комёбиву муваффақиятҳои хуби илмӣ дар автореферат баъзе ноқисиҳои ҷузъӣ, аз қабили ғалатҳои имлоию техникӣ ва такрори бемавриди фикрҳо вобаста ба матнҳо ҷой доранд. Камбудиву навоқиси мазкур ҷузъӣ буда, ба арзиши кор халал ворид намекунанд, вале ҳангоми ба чоп омода намудани монография ба эътибор гирифтани онҳо аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

Дар маҷмуъ, автореферат нуктаҳои асосии диссертатсияро фаро гирифтааст ва метавон онро кори илмии комилан ба анҷомрасидаи илмӣ ҳисобид.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Раҳмонов Маҳмурод Бегмуратович дар мавзуи «Мақоми Ғафур Мулло дар ҳавзаи адабии Хатлон (солҳои 40-90-

уми асри XX)» кори анҷомёфтаи илмӣ ва ба талаботи пешгузоштаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – адабиёти тоҷик, равобити адабӣ сазовор аст.

**Номзади илми филология, ходими пешбари илмӣ, муовини сармуҳаррири Маркази тарҷумаи назди Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон**

**Абдураҳмон Абдуманнонов**

**Нишонӣ: ш. Душанбе, кӯч. Рӯдакӣ, бинои 81, манзили 26**
**E-mail: mudir@mail.ru**
**Тел: (+992) 907755323**

**Имзои Абдураҳмон Абдуманноновро тасдиқ мекунам:**

**Нозири кадрҳои ИН Тоҷикистон: Байдуллоева Малика Акбархоновна**
**Нишонӣ: ш. Душанбе, кӯч. Н.Махсум 57, кв.4**
**E-mail:**
**Тел: (+992) 224-48-23**

**«16»-уми ноябри соли 2022.**